## 1 САВОЛ

## ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ЧИСТ?

*Ҷавоб:*

Зӯроварӣ дар оила - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содиршуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад

## 2 САВОЛ

## ҶАБРДИДА АЗ КУҶО КӮМАК ГИРИФТА МЕТАВОНАД?

*Ҷавоб:*

Бисёр ташкилотҳо, марказҳои дастгирӣ ва хадамоти давлатӣ мавҷуданд, ки ба ҷабрдидагони хушунати хонаводагӣ кӯмак мерасонанд.



**1313**

**Телефони боварии шабонарӯзии ройгони Маркази захиравии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оилаи назди Кумитаи кор бо занон ва оила.**

**221-21-21 ё 102**

**Телефони боварии ВКД**

Маводи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико эҷод шудааст, ки он аз тариқи Агентии ИМА (USAID) оид ба рушди байналмилалӣ расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин эҷод маҳсули ТҶ “Фародис” буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

* Тасвирот аз сомонаи *vectorstock.com*

USAID · ФАРОДИС · ICNL LLC INTERNATIONAL CENTER FOR NOT-FOR-PROFIT LAW LLC

БАРНОМАИ ДАСТГИРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



# 5 САВОЛУ ҶАВОБ ОИДИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

# 3 САВОЛ

## ЗӮРОВАРӢ БА ЗАНОН ВА КӮДАКОН ЧӢ ГУНА ТАЪСИР МЕРАСОНАД?

*Ҷавоб:*

Зӯроварӣ дар оила метавонад ба зарари ҷиддии ҷисмонӣ, мушкилоти равонӣ, ҷароҳат ва ҳатто марг оварда расонад. Барои кӯдакон, ин метавонад маънои осеб, ақибмонии рушд, мушкилоти рафтор ва муносибатро дошта бошад.



# 4 САВОЛ

## КАДОМ НАМУДҲОИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА МАВҶУД ҲАСТАНД?

*Ҷавоб:*

**Намудҳои зерини зӯроварӣ инҳоянд:**

**1.** Зӯроварии ҷисмонӣ – истифодаи зӯрӣ, ё таҳдиди қувваи ҷисмонӣ. Масалан: зарба задан, лагадкӯб кардан, буғӣ кардан, бо истифодаи силоҳ ё ашё расонидани зарари ҷисмонӣ ва ғайра.

**2.** Зӯроварии равонӣ - як шакли таъсиррасонӣ ба эҳсосот ё рӯҳияи шарик тавассути таҳдид, таҳқир, танқид, маҳкумият, ки метавонад ба осеби равонӣ оварда расонад. Мисол: таҳдиди аз хона пеш кардан, гирифтани фарзандон, расонидани зарари ҷисмонӣ, таҳдиди куштор, таҳқир кардан, паст задани шахсият, иҷозат надодан барои муошират бо хешовандон, дӯстон ва ғайра.

**3.** Зӯроварии иқтисодӣ: назорат ё маҳдуд кардани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ё зӯроварии молиявист. Масалан, аз маблағ маҳрум кардан барои харидани ашёи зарурӣ, вобастагии молиявӣ аз таҷовузкор, ё маҷбур шудан барои гирифтани кӯмаки молиявӣ.

**4.** Зӯроварии ҷинсӣ ин ҳама гуна амали маҷбурии ҷинсӣ ё истисмори шаҳвонии шахси дигар аст (аз ҷумла: таҷовузи ҷинсӣ, озори ҷинсӣ, алоқаи ҷинсии маҷбурӣ ва амалҳои иҷбории шаҳвонӣ тахти фишор).

# 5 САВОЛ

## БАРОИ ҶАБРДИДАГОНИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ЧӢ ГУНА МАСЛИҲАТ ДОДАН МУМКИН АСТ?

*Ҷавоб:*

- Дастгирӣ пайдо кунед: ба дӯстон, оила ё ташкилотҳои махсус, ки метавонанд дар вақти зарурӣ ба шумо кӯмак расонанд, муроҷиат кунед.
- Танҳо набошед: вазъияти худро бо касе, ки боварӣ доред, нақл кунед ва аз кӯмак пурсидан шарм надоред.
- Нақшаи амнияти худро тартиб диҳед: маълум кунед, ки барои бехатарии шумо ва фарзандони шумо чӣ гуна чораҳо андешидан мумкин аст.
- Барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат кунед: дар бораи ҳуқуқҳои худ ва қадамҳои имконпазири ҳуқуқӣ барои ҳимояи худ ва фарзандонатон маълумот гиред.
- Дар бораи саломатии худ ғамхорӣ кунед: барои дастгирии тиббӣ ва равонӣ ба духтур ё равоншинос муроҷиат кунед.

